**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лахчаҳои точикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дарачаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ яке аз самти муҳим дар забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад, зеро лаҳҷа пояи рушду такомул ва нумуи забони адабӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки дар таҳқиқи қисмати лаҳҷашиносӣ донишмандони ватаниву хориҷӣ дастовардҳои зиёде доранд, вале таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар доираи як қабати луғавии он барои бозгӯии имконоти савтӣ, сарфӣ ва наҳвии забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Бояд қайд намоем, ки се даҳсолаи охир забони тоҷикони бурунмарзӣ, бахусус тоҷикони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, камтар мавриди таҳқиқоти забоншиносон қарор гирифтааст, аз ин рӯ, интихоби мавзуи диссертатсия мубрам ва муҳим арзёбӣ мешавад, ки дар он бори аввал дар забоншиносии тоҷик дар доираи калимаҳои хоси шева хусусиятҳои забонии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври васеъ омӯхта мешавад. Воқеан таҳқиқи калимаҳои хоси шева, баррасии хусусиятҳои забонии онҳо ва бозгӯйи меъёрҳои забонии ин қабати луғавӣ то имрӯз ба таври комил таҳқиқ нагардида, натиҷаи чунин таҳқиқот ба мукаммал гардидани низоми илмии лаҳҷашиносии тоҷик замина фароҳам меорад. Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим метавон гуфт, ки муҳаққиқ Қурбонов С.Ҳ. барои таҳқиқи мавзуи муҳим иқдом гирифтааст ва дар рисолаи худ хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳоро бо маводи фаровон ва таҳлили амиқи арзёбӣ намудааст.

Аз мазмуну мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боби фарогири зербобҳои алоҳида, хулоса, рӯйхати адабиёти илмӣ, замимаи луғоти лаҳҷаҳо (калимаҳои хоси шеваҳо) иборат мебошад. Дар

диссертатсия нукоти илмӣ ба таври мушаххас пешниҳод гардида, он аз принсипи мукаммали таҳқиқоти илмӣ далолат медихад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дарачаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии кор, саҳми муаллифии муҳаққиқ, методология ва арзишҳои амалию назарии диссертастсия оварда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия тахти унвони **“Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева”** бештар ҷанбаи назариявӣ дошта, дар зербоби аввали он андешаи забоншиносони рус оид ба калимаҳои хоси шева баррасӣ шудааст, муҳаққиқ омилҳои асосии гуногунандешии олимонро оид ба ин қабати луғавӣ бо далелҳои муътамад арзёбӣ менамояд. Дар ин боби диссертастия омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик низ ба таври васеъ баён гардида, вобаста ба ҳудуди интишор ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудани калимаҳо бо мисолҳои зиёд нишон дода мешавад. Мафҳуми илмии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик бори аввал шарҳи дақиқи илмии худро дар ин диссертатсия пайдо кардааст.

Дар **боби дуюми рисола тахти унвони** “Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева” муҳаққиқ дар доираи се зербоб ба масъалаҳои ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ, вобаста ба табиати гӯйишҳо ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудани калимаҳои иқтибосӣ, инчунин махфуз мондани калимаҳои адабии китобӣ дахл намудааст. Дар диссертатсия муаллиф бо мисолҳои зиёд ба ин қабати луғавӣ тавассути калимасозӣ гузаштани калимаҳоро нишон дода, дар зинаи сеюми калимасозӣ маънои навро касб намудани онҳоро саҳеҳ қайд менамояд: **барғъндашапак** (Ҷануби Кӯлоб) – барғъунд+а+шап+ак: барфбозӣ; **ғӯлобак** (Қӯрғонча) – ғӯл+об+ак: ҷароҳат ва ғ. (саҳ.20).

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бештар ба тағйироти маъноӣ дучор шудаанд: **қатил** (Обигарм) гулдаст, моҳир; **латифа**

(Кулобии Ҳисор) равғандони кундаи ҷувоз (саҳ. 29). Табиати забони зиндаи халқ боиси ҳазорсолаҳо маҳфуз мондани калимаҳои асили тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо гаштааст. Дар диссертатсия бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавқеи калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳо ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки ин навъ калимаҳо бо гузашти солҳо вобаста ба ҳудуди интишороти худ маъноҳои навро касб намудаанд. Ба таври мисол, калимаи **хинг** ба маъниҳои зиёд истифода мешавад: як навъи аспи хокистарии паст (нуқрафом); (Кангурт) **хинг** як навъ асбоби маскаҷудокунӣ; **хинг** (Қаротегин) машк; **хинг** (Лахш) безеб ва ғ. (саҳ.32).

Таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева дар боби сеюми рисола анҷом ёфта, муаллифи диссертатсия онҳоро дар доираи лексикаи ашёӣ (иборат аз 8 зербоб) ва лексикаи ғайриашёӣ (дар 3 зербоб) баррасӣ кардааст. Мисоли фаровон ба ӯ имкон додааст, ки калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ, хонаю ҳавлӣ, хӯрокворӣ, либос, асбобҳои зебу зиннати инсон, ҳунари гулдӯзӣ, номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот, номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо, узвҳои бадану бемориҳо, калимаҳои ифодакунандаи маросим ва ҳунарҳои мардумиро дар доираи гӯйишҳои тоҷикии ҳазаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ таҳқиқ намояд.

Дар таснифоти лексикаи ғайриашёи таснифоти маъмул риоя шуда, мавқеи калимаҳои ифодакунандаи амал, аломат ва зарфҳо дар таркиби луғоти лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бозгӯӣ шудааст. Дар ин боби рисола садҳо калимаҳои хоси шева аз ҷиҳати баёни маъно ва доираи густариш мавриди омӯзиш қарор гирифта, чунин усули илмии таҳқиқ ба вусъати илмӣ пайдо кардани лаҳҷашиносӣ мусоидат менамояд ва дар ин замина луғатномаҳои зиёди фарогирии калимаҳои хоси шева таълиф хоҳанд гашт.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар хулосаи диссертатсия дар доираи 22 зербанд оварда шудаанд, ки мазмуну мундариҷаи онҳо аз мукаммалии усули таҳқиқоти илмӣ далолат медиҳанд.

Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки муҳтавои асосии диссертатсия дар 2 монография, 41 мақолаи илмӣ, аз он 23-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд ва унвонҷӯ дар доираи мавзуи диссертатсия дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърузаҳои зиёд кардааст .

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмӣ дар диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович таҳти унвони "Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ" баъзе нукоти баҳсталаб низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар корҳои оянда ба манфиати кор мебошад:

1. Дар зербоби якуми боби аввал – "Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик" андешаи баъзе забоншиносон, масалан профессор Ғ. Ҷӯраев, бештар шарҳи илмӣ дода шудааст.

2. Калимаи **хаёт** (саҳ.29) дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, зарурат ба баррасии ҳудуди интишор ва ифодаҳои маъноии онро намебинем.

3. Таснифоти лексикаи ашёӣ мукаммал ба назар расад ҳам, дар зербоби боби сеюм баъзе гурӯҳҳоро метавон ба зергурӯҳҳо тақсим намуд, ба таври мисол, номи узвҳои бадану бемориҳо дар ду зергурӯҳи мустақил.

4. Дар автореферати рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасанд: (конференсияилмию // конференсияи илмию – с.3; истифодашудааст // истифода шудааст – саҳ.32) ва ғ.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба сатҳу сифати диссертастсия таъсири манфӣ намерасонанд. Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович

таҳти унвони “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст.

Муаллифи диссертатсия Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, доктори илми
филология, профессор, мудири
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Алимӣ Ҷ.

Имзои доктори илми филология,
профессор Алимӣ Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail alimi-62@mail.ru
Телефон: (+992918-11-26-62)

21 феврали соли 2024